**ҚАРОРИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 назди**

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 25.01.2024** **ш. Душанбе**

Баромади Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ), тақризи муассисаи пешбар, тақризи муқарризони расмӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода – **Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич**, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи англисии Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон – **Саъдиева Гулистон Фатоевна**, муқарризони ғайрирасмӣ, профессорон Саидзода Ҳ., Нағзибекова М., Сулаймонов С., Назарзода С. ва Хоҷаев Д.-ро шунида, муҳокима карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) ба талаботи бандҳои 31 ва 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Маводҳои илмии чопнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

3. Ба Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)-ро диҳад.

Касе, ки тарафдори ин қарори шурои диссертатсионӣ бошад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад.

Зид, бетараф? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Хоҷаев Д.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мирзоева М.М.

25.01.2024